**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-037-и назди МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» оид ба диссертатсияи Мансурӣ Замира Мирзоализода дар мавзуи «Мақоми тазкираи «Музаккири аҳбоб»-и Хоҷа Ҳасани Нисорӣ дар омӯзиши адабиёти Мовароуннаҳри асри XVI» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.01.00 - Адабиётшиносӣ (10.01.01 - Адабиёти тоҷик. Равобити адабӣ)**

Диссертатсияи Мансурӣ Замира Мирзоализода ба яке аз мавзуъҳои мубрами адабиётшиносии тоҷик – баррасии арзиши адабии тазкираи “Музаккири аҳбоб”, ки аз тазкираҳои камомӯхташудаи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ мебошад, бахшида шудааст. Бояд гуфт, ки мавзуи мавриди таҳқиқ аз чанд ҷиҳат арзишманд мебошад: якум ин ки тазкираи мазкур дар муаррифии иддае аз шуарои камшуҳрати адабиёти форсӣ-тоҷикӣ саҳми арзанда дорад; дигар ин ки дар он муҳимтарин падидаҳои адабии даври муаллиф инъикос шудааст ва сеюм ин ки дар сохтори тазкира ҳам Нисорӣ навовариҳое кардааст, ки минбаъд дар тазкиранигории баъди ӯ ин таъсираш равшан мебошад. Маҳз аз ҳамин дидгоҳ муҳаққиқ дар муқаддимаи диссертатсия иброз медорад, ки то имрӯз ба таври комил хусусиятҳои ин тазкира баррасӣ нагардидааст. Ҳамчунин, дар адабиётшиносии тоҷик доир ба масъалаи забон ва сабки баёни китоби Нисорӣ тадқиқоти комилу фарогир сурат нагирифтааст. Аз ин рӯ, ба доираи таҳқиқ мақоми тазкираи “Музаккири аҳбоб” дар шинохти вазъи адабии Мовароуннаҳри асри XVI, яке аз мавзуъҳои муҳимму саривақтист. Диққат додан ба матолиби марбут ба шарҳи ҳол, осор, навъи осор, даст доштани шоир ба ин ё он навъи шеърӣ, робитаи шоирон бо аҳли дарбору илму фан, пайравии шоирон ба ин ё он тариқати ирфонӣ, вазъи шеъру шоирӣ дар ҳавзаи адабии Бухорову Самарқанд ва ғ. дар тазкира мубрамии мавзуи таҳқиқро ташкил додааст.

Арзиши дигари таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он аст, ки муаллифи он кӯшиш ба харҷ додааст, то дараҷаи ҷиҳати сохтор ва бандубасти тазкираро ҳам баррасӣ намояд ва ба ин восита табақабандии шоиронро, ки дараҷаи

шиносоии муаллифро бо онҳо нишон медиҳад, инъикос намояд. Яъне ба ҳамин муаммо – дараҷаи шиносоии муаллифи тазкираҳо бо шоирони мазкур дар тазкира таваҷҷуҳ кардани муҳаққиқ аз аслияти маводи тазкираро барррасӣ намудани ӯ дарак медиҳад. Таҳлил дар ин замина бо нишон додани сабабҳои бар гурӯҳҳо ҷудо шудан ва бо овардани маводи фактологӣ асоснок шудааст. Дар диссертатсия ҳамчунин ба баъзе гӯшаҳои норавшани ҳаёт ва фаъолияти илмӣ-адабии Хоҷа Ҳасани Нисорӣ, ки яке аз шахсиятҳои барҷастаи таърихи адабиёт, ирфон ва фарҳанги замон худ буд, равшанӣ андохта шуда, чунин вежагиҳо бо нишон додани далелҳои мушаххас таҳлил гардидаанд. Нуктаҳои ишорашуда ва масъалаҳои муҳимму мубрами дигар, чун масъалаи интисоби осор ба қалами Нисорӣ, дурустхонии номи баъзе асарҳои ӯ, ғалат маънидод кардани мавзуи иддае аз ин осор, ки дар диссертатсия мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд, бешак, арзиши назариявии онро баланд бардоштаанд.

Навгонии таҳқиқи диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки дар он бори аввал мақом ва арзиши яке аз тазкираҳои асри XVI – «Музаккири аҳбоб» ба таври ҷомеъ ба риштаи таҳқиқ кашида мешавад. Дар ин таҳқиқ дар гирди сабку сохтор ва назароти муаллифи тазкира ба рӯзгор ва осори шуаро, забони асар, мақоми он дар таърихи тазкиранависӣ, таъсирпазирӣ ва таъсиргузории он дар ин раванд баҳс меравад. Дар пажуҳиши сохторшино-сонаи тазкира, пеш аз ҳама таъйини масоили робитаҳои адабӣ, шуарои зуллисонайн, шахсият ва дараҷаи маърифати шоир ва тарзи баҳогузории Нисорӣ ба ин никот ба назар гирифта шудааст. Зимнан бар муаррифии шарҳи шоирони ҳавзаи адабии Варорӯд бештар тамаркуз шудааст. Ҳамчунин, шахсияти адабӣ ва ирфонии Нисории Бухороӣ дар заминаи осори худи ӯ ва таҳқиқоти дар ин поя суратгирифта баррасӣ шуда, аҳаммияти осори гаронқадри адабӣ, илмӣ ва ирфонии муаллифи фавқуззикр низ таъкид мегардад. Инчунин, барои пурра нишон додани роҳҳо ва заминаҳои пайдоиш ва ташаккулёбии тазкираҳои асрии асил мухтасаран ба таърихи нигошт ва усули тазкиранигории тоҷик дар асри XVI ҳавзаи адабии Варорӯд, бархе масоили дастабандии тазкираҳо ва амсоли ин низ таваҷҷуҳ гардид ва дар

мавридҳои муайян маълумоти «Музаккири аҳбоб» бо маълумоти дигар тазкираҳо бо усули қиёсӣ санҷида шуд.

Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ дар он мебошад, ки натиҷаҳои бадастомада барои ғанӣ гардидани маводи осори таҳқиқии марбут ба тазкирашиносӣ, сарчашмашиносӣ, мақоми тазкираҳо дар муайян кардани вазъи адабӣ ва илмии давраи мушаххас, таърихи адабиёт ва баъзе гӯшаҳои назарияи адабиёт мадад хоҳад расонид.

Хулосаҳои илмии диссертатсияро метавон ба таври васеъ дар таҳияи таълифи китобҳои дарсӣ аз таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, назарияи адабиёт, курсҳои махсуси «Сарчашмашиносӣ», хондани дарсҳои назарӣ, машғулиятҳои амалӣ, таълифи рисолаҳои илмӣ, дипломӣ ва ғ. истифода намуд.

Бо назардошти афзалиятҳои мазкур диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-ум таҳти №267-ум ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми июни соли 2023, таҳти №295 «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо» тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад. Маълум мегардад, ки диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи илмӣ мебошад. Дар он саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ ба таври равшан аён аст ва мақсаду вазифаҳои дар пеш гузошташудаи муҳаққиқ ба пуррагӣ ҳаллу фасл гардидаанд. Нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда ва натиҷаҳои ҳосилгардида аз он шаҳодат медиҳанд, ки муҳаққиқ аз ҷараёни таҳқиқи мавзуъ огоҳии комил дорад ва онро дар доираи талаботи корҳои илмӣ ба сомон расонидааст.

Мавзуи интихобшуда ва мазмуни ягонаи таҳқиқи диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисоси 10.01.00 - Адабиётшиносӣ (10.01.01-Адабиёти тоҷик. Равобити адабӣ) мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 7 мақола, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия ба табъ расидаанд, инъикос ёфта, бо мазмун ва мавзуи диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашрнамудаи

унвонҷӯ фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои илмии таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамо ва тавсияҳои амалии мавзуи кори диссертатсионӣ таъйин шудаанд. Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба инобат гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Мансурӣ Замира Мирзоализода дар мавзуи «Мақоми тазкираи «Музаккири аҳбоб»-и Хоҷа Ҳасани Нисорӣ дар омӯзиши адабиёти Мовароуннаҳри асри XVI» кори мукаммали аз ҷиҳати илмӣ анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Бо назардошти ин, диссертатсияро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01-Адабиёти тоҷик. Равобити адабӣ) ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Мансурӣ Замира Мирзоализода дар мавзуи «Мақоми тазкираи «Музаккири аҳбоб»-и Хоҷа Ҳасани Нисорӣ дар омӯзиши адабиёти Мовароуннаҳри асри XVI» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.01.00 - Адабиётшиносӣ (10.01.01-Адабиёти тоҷик. Равобити адабӣ) дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-037-и назди МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ- таҳқи-қотиашон ба ихтисоси 10.01.00 - Адабиётшиносӣ (10.01.01-Адабиёти тоҷик. Равобити адабӣ) мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Саидҷаъфаров Озод Шовалиевич** доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики МДТ-и "Донишгоҳи давлатии Данғара".

**- Мирсаидов Бахром Тоҳирович** – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, директори Китобхонаи вилоятии оммавии ба номи Тошхоҷа Асирӣ.

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода** пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор Ғаффорова У.А.
***Суроға:*** *ш.Хуҷанд, микроноҳияи 31, хонаи 6, ҳуҷраи 16,*
*Тел.: (+992) 92-780-88-50; Email: umedagafari1@mail.ru*

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор Насриддинов Ф.А.
***Суроға: н.Б.Ғафуров, ч. Ёва, кӯчаи А.Насриддинов 2.***
*Тел.: (+992) 92-899-55-62; Email: fahr79@mail.ru*

доктори илмҳои филологӣ, профессор Ӯлмасзода З.Ҳ.
***Суроға:*** *ш.Хуҷанд, хиёбони И.Сомонӣ, х. 199, ҳуҷ. 80*
*Тел.: (+992) 92-771-44-70; Email: zamira_ulmasova@mail.ru*

5-уми сентябри соли 2024

*"Имзоҳои профессорон Ғаффорова У.А., Насриддинов Ф.А. ва З.Ҳ. Ӯлмасзодаро тасдиқ мекунам"*

Сардори РК ва КМ-и МДТ-и
"ДДХ ба номи акад.Б.Ғафуров" Ҳусейнова З.С.